Ба Шурои диссертатсионии 6Б.КОА-012
назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар мавзӯи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз": назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ пешниҳод карда шудааст.**

Баҳодиҳӣ ба автореферати пешниҳодшудаи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович нишон дод, ки диссертатсия ба мавзӯи мубрам бахшида шуда, бо забони гӯёи илмӣ ва фаҳмо навишта шудааст. Бояд қайд намуд, ки ҳамчун таҳқиқоти тахассусмандӣ ба анҷом расонида шуда, ба мақсадҳои гузошташуда ноил гардидаанд. Ҳамчунин муаммоҳои мубрам мутобиқи усул ҳалли худро ёфта, хулосаҳо ва пешниҳодҳо асоснок шудаанд.

Ҳангоми раванди гирифтани натиҷаҳо дар автореферат маълум мешавад, ки саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти илмии диссертатсия дар муайян намудани мақсад, передмет ва объекти таҳқиқотӣ, асосноккунии номгӯи муаммоҳои таҳқиқотӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо, асосноккунии назариявӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар асоси истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар мамлакат таҷассум ёфтааст.

Дар сатҳи хело баланд таҳқиқи асосҳои назариявии идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз"гузаронида шудааст.

Инчунин, роҳҳои баландбардории самаранокии рушди соҳибкории экологӣ ва таъсири мусбии он ба иқтисодиёти мамлакат бо истифодаи усулҳои ҳозиразамон гузаронида шудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқот ба муаллиф муяссар шудааст, ки дараҷаи таъсири омилу шароит ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар асоси механизми рушди соҳибкории экологӣ ва татбиқи принсипҳои иқтисоди "сабз" дар шароити иқтисоди бозорӣ ошкор намояд.

Асоснок кардани механизмҳои рушди соҳибкории экологӣ ҳамчун омили татбиқкунандаи принсипҳои иқтисоди "сабз" аз ҷониби муаллиф хело дуруст баҳо дода шудааст.

Муаллиф таъкид кардааст, ки дар шароити муосир фаъолияти соҳибкорӣ яке аз самтҳои муҳим дар заминаи муайян кардани омилҳои асосие мебошад, ки рушди иқтисодии ширкатҳо, минтақаҳо ва кишварҳои гуногунро дар маҷмӯъ таъмин мекунад. Дар ин бобат самтҳо ва объектҳои нави рушди соҳибкорӣ, ки бо ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар алоқаманданд, аҳамияти калон доранд. Дар робита ба ин, таваҷҷуҳи махсус ба рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули "иқтисоди сабз" дода мешавад (саҳ.16). Инчунин, дар асоси таҳқиқ докторант Досиев М. Н. муайян намудааст, ки мафҳумҳои «соҳибкори экологӣ», «соҳибкории сабз» ва «эко-соҳибкорӣ» бори нахуст дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX ҷорӣ шуда буданд, вале таҳқиқи ин намуди соҳибкорӣ дар охири солҳои 90-уми ибтидои солҳои 2000-ум инкишоф ёфтааст. Бо мақсади равшанӣ андохтан ба моҳияту мазмуни соҳибкории экологӣ муаллиф нуқтаҳои назари олимони гуногунро дар ин самт таҳлил ва гурӯҳбандӣ намудааст (ҷадвали 1, саҳ.17).

Бояд зикр намуд, ки натиҷаи илмии дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастовардашуда дар таҳқиқотҳои оянда, ки ба самти соҳибкории экологӣ ва ташаккули иқтисоди "сабз" нигаронида шудаанд, истифода бурда мешаванд. Нуқтаҳои илман асоснокkardашуда ва хулосаю пешниҳодҳои дар автореферати диссертатсия дарҷгардида метавонанд барои омодасозии заминаҳои методӣ ва ҷиҳатҳои амалии барномаҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти идоракунии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва дар маҷмуъ корхонаҳои саноатӣ истифода карда шаванд.

Муаллиф ба ҳадафҳои дар таҳқиқоти илмӣ гузоштташуда ноил шуда, вазифаҳои онро иҷро намудааст. Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошад.

Омӯзиши матни автореферати диссертатсияи ба тақриз пешниҳодгардида нишон дод, ки он дар асоси талаботи муқарраргардида таҳия карда шудааст.

Аз автореферати диссертатсияи Досиев М. Н. чунин бармеояд, ки таҳқиқоти илмӣ дар сатҳи баланди назариявӣ, методӣ ва амалӣ ба анҷом расонида шудааст. Саҳми муҳими муаллифи автореферат дар он ифода меёбад, ки ба андешаи ӯ яке аз омилҳои асосии татбиққунандаи принсипҳои иқтисоди "сабз" ин ташкил ва рушди соҳибкории экологӣ ба шумор меравад.

Дар қисмати хотимавӣ оид ба идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" муаллиф пешниҳодҳои муфид кардааст.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферат баъзе аз камбудиҳо низ мушоҳида мешаванд:

1. Дар автореферати диссертатсия оиди методологияи идоракунии рушди соҳибкории экологӣ вобаста аз истифодаи усулҳои инноватсионӣ нишон дода нашудааст. Хуб мешуд, агар усулҳои инноватсионии идоракунии рушди соҳибкории экологӣ ошкор карда шуда, ба инобат гирифта шавад;
2. Дар баъзе аз ҷумлаҳои матни автореферат хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ мушоҳида мешаванд.

Камбудиҳои дар боло қайд гардида моҳияти илмӣ ва назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва эътибори онро паст намекунад.

Автореферат ва маводҳои нашршуда ба пуррагӣ таркиби диссертатсиониро дар бар мегиранд.

Дар маҷмӯъ метавон зикр кард, ки диссертатсияи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович пурра кори илмии ба анҷом расонидашуда ҳисобида шуда, дар асоси талаботи илмӣ – назариявӣ ва амалӣ анҷом ёфтааст ва ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи онро барои дарёфти дараҷаи илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) сазовор мешуморем.

**Тақриздиҳанда:**

Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
муовини якум, муовини ректор оид
ба таълими ДДХ ба номи М. Назаршоев Ғоибназарзода С. М.

**Суроға:** Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, х. Ш.Шоҳтемур-109. Телефон: (+992) 988204545, E-mail: ssssaid1985@mail.ru

Имзои д. и. и., дотсент, муовини якум, муовини ректор оид ба таълими ДДХ ба номи М. Назаршоев С.М.Ғоибназарзодаро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси ДДХ ба номи М. Назаршоев Саидраҳмонов Н.Н.